Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

20 июни соли 2020. Шанбе № 40 (14639)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ХАБАРИ МУХТАСАР

ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ ПАНҶУМИ УМУМИИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

19 июни соли 2020 дар Тошканд ҷамъомади панҷуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд.

Дар ҷамъомад аъзои ҳукумат, роҳбарони вазорату идораҳо, намояндагони ВАО ширкат варзиданд.

Ба кори ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли алоқаи видеоконфронс баргузор шуд, раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.

Дар маҷлиси умумӣ аъзои Сенат 16 масъала, аз ҷумла 9 қонунро баррасӣ карданд. Кори ҷамъомади умумиро дар тартиби онлайн дар веб-сомона ва саҳифаҳои расмии Сенати Олий Маҷлис дар шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин дар телевизиони «Ӯзрепорт» мушоҳида кардан мумкин аст.

Аввал, аъзои Сенат Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»-ро баррасӣ карданд.

Таъкид гардид, ки дар айни замон санади ягонаи қонунгузорие вуҷуд надорад, ки татбиқи амалии коркардҳои илмӣ, рушдро бо роҳи таъмини самарабахшии мусбати рушди инноватсионии бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин мафҳумҳоро дар соҳаи инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ танзим намояд.

Ин ҳуҷҷат идомаи мантиқии Қонун «Дар бораи илм ва фаъолияти илмӣ» буда, алоқаи илм ва истеҳсолотро таъмин мекунад. Ҳамин тариқ, соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо роҳи фароҳам овардани муҳити мусоид барои ташкил ва истифодаи маҳсулот ва хидмати инноватсионӣ, такмил додани низоми ташкиливу ҳуқуқии ҳавасмандӣ ба татбиқи инноватсия, рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ривоҷ меёбад.

Дар қонун муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дар соҳаи инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ ба танзим оварда мешавад. Қонун барои шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла олимон, соҳибкорон, созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ, алалхусус барои ҷавонони боғайрат, ки кӯшиши амалӣ кардани потенсиали худро доранд, бо ғояҳо ва коркардҳои нави худ ба рушди ҷомеа саҳм мегузоранд, аммо дар ҷорӣ намудани коркардҳояшон ба истеҳсолот ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд, асосан ҳуқуқӣ мегарданд.

Дар қонун мафҳумҳои асосӣ дар бораи инноватсияҳо ва фаъолияти инноватсионӣ, принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ ва механизмҳои танзими давлатии онҳо муайян шудааст.

Ҳамзамон, дар қонун пешбинӣ шудааст, ки самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, рушди шарикии давлатию хусусӣ дар самти мазкур, тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисосӣ кадрҳо ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошанд.

Сенаторон қонунро қабул карданд.

Сипас Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи истифодаи оқилонаи энергия» баррасӣ шуд.

Қонун ба истифодаи минбаъдаи оқилона ва самараноки неруи барқ ва гармӣ, сӯзишворӣ ва дигар манбаъҳои ғайримуқаррарии энергетикӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, ки дар бахшҳои захираҳои энергетика истеҳсол мешаванд, инчунин ба таъмини самарабахши асосҳои ҳуқуқии хизматрасонӣ оид ба татбиқи технологияҳои каммасрафи замонавӣ нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, қонун меъёрҳои сертификатсияи ҳатмии молҳоро барои мутобиқат ба нишондиҳандаҳои самаранокии энергетикӣ муқаррар менамояд. Ҳамзамон идораҳои масъул вазифадор карда шудаанд, ки тартиби назорати давлатиро оид ба тасдиқи методикаи муайян кардани нишондиҳандаҳои баланд бардоштани самарабахшии энергетикӣ ва сарфаи энергияи захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, инчунин нишондиҳандаҳои мақсаднок, риояи талаботҳои қонунӣ оид ба истифодаи оқилонаи энергия ва баланд бардоштани самараноки энергия таъмин кунад.

Қабули қонун барои оптимизатсияи истеъмоли захираҳои энергетикӣ, гузарондани мониторинги низомноки самаранокии истифодаи захираҳои энергия ва афзоиши даромади воқеии аҳолӣ хизмат хоҳад кард. Аъзои Сенат Қонуни мазкурро қабул карданд.

Сипас Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор» -ро баррасӣ карданд.

Қайд карда шуд, ки дар айни замон муносибат дар соҳаи шикор бо зиёда аз 10 ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ ба танзим оварда мешаванд, ки дар навбати худ ба ихтилофот ва тафсирҳои мухталиф, инчунин мушкилот дар таҷрибаи истифодаи ҳуқуқ оварда мерасонанд.

Ғайр аз он, набудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт, системаи самараноки ҷорӣ кардани мониторинги давлатӣ барои ҳолати ҳайвоноти ваҳшӣ ва мавҷуд набудани меъёр дар бораи ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои шикорчиён ва хоҷагиҳои шикорӣ дар қонунгузорӣ ба муайян кардани мақоми ҳайвоноти шикорӣ монеъ мешаванд. Ин ба рушди системаи мониторинги давлатии популятсияи ҳайвонот, омӯзиши шумораи ҳайвоноти шикоршаванда ва миқдори шикор, ҳолати репродуктивии ҳайвонот монеа эҷод мекунад.

(Давомаш дар сах.2).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАНИ МЕХАНИЗМҲОИ МУҚОБИЛИ ҲАЛЛУ ФАСЛИ ТАЛОШҲО

Дар мамлакат бобати ҷорӣ намудани механизмҳои замонавии такмил додани муомилаи мақомоти давлатӣ бо аҳолӣ, таъмин сохтани ҳифзи муҳтамади ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ҳамчунин ҳаллу фасли мушкилоти онҳо корҳои мустақим амалӣ мешаванд.

Баробари ин даврони кунунии ислоҳот дар соҳаи мазкур аз зарурияти ташаккул додани низоми ягонаи баррасии то судии талошҳо дар мақомоти давлатӣ, пешгирии медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқиро ба идораҳои самарабахши муқобили ҳаллу фасли талошҳо, ки сазовори эътимоди шаҳрвандон ва соҳибкорон гардидаанд, шаҳодат медиҳад.

Ба мақсади такмил додани низоми ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, вусъат додани имкониятҳои муқобили ҳаллу фасли талошҳо, ҳамчунин куллан баланд бардоштани нақши идораи медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ бинобар мусоидати ҳаҷми корҳои суд:

1. Инҳо ба маълумот гирифта шаванд:

мувофиқи Кодекси протсессуалии иқтисодӣ ва Кодекси протсессуалии шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистон судя ҳангоми тайёр кардани парванда ба тафтишоти судӣ дар ҷонибҳо мавҷуд будани имконияти муоҳидаи оштӣ ё ҳуд истифодаи усулҳои муқобили ҳаллу фасли талошро муайян мекунад ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳоро маънидод менамояд;

фароҳам овардани усулҳои муқобили ҳаллу фасли талошҳо дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба сифати воситаи самарабахши барқарор гардидани ҳуқуқҳои халалдоршудаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад.

2. Ба пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки **аз 1 августи соли 2020-ум ба сифати таҷриба:**

ташкил кардани Шӯрои санҷиши шикоят бинобар танзими тосудии талошҳои байни ашхоси ҷисмониву ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ (минбаъд-Шӯрои санҷиши шикоят)-и назди Кумитаи давлатии гумрук, Кумитаи давлатии оид ба захираҳои замин, геодезия, харитасозӣ ва кадастри давлатӣ, Бунёди ғайрибуҷавии нафақаи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамчунин ҳокимияти вилоятҳои Намангон, Бухоро ва Тошканд;

муқаррар намудани тартиби аз ҷониби Шӯрои санҷиши шикоят бинобар мусоидати баррасӣ намудани муроҷиатҳо дар бораи халалдор шудани ҳуқуқ ва озодиҳо, ҳамчунин манфиатҳои қонуни ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қонун ҳимоя карда мешаванд, дар натиҷаи амалҳои (қарорҳо)-и ғайриқонунӣ ё ҳуд беамалии мақомоти давлатӣ ё мансабдорон ризоият дода шавад.

(Давомаш дар сах.3).

ЎЗБЕКИСТОН БА ЛАТВИЯ БА МАБЛАҒИ 1 МИЛЛИОН ЕВРО НАХИ САФЕДШУДА МЕФИРИСТАД

Ба қарибӣ аз ҷониби Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Латвия бо иштироки Сафир Қадамбой Султонов, роҳбарияти ширкати iCotton Сергейс Бинковскис ва Игор Фёдоров, ки маҳсулоти баландсифати гигиенӣ ва косметологӣ истеҳсол мекунад, ҳамчунин директори генералии корхонаи муштараки ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Barakat Alfa Тоҳирҷон Адамбоев, ки аз ҷумла ба истеҳсоли пахтаи сафедкарда тахассус дорад, конфронси видеоӣ ташкил карда шуд.

Чорабинӣ идомаи иртиботи ҳайатҳои дипломатии кишвари мо дар шаҳри Рига бо менеҷменти iCotton ба шумор меравад, ки дар ҷараёни сафари кории ҳайати Сафоратхона дар шаҳри Лиепая 5 июн ба роҳ монда шуда буд.

Бинобар роҳҳои зиёд кардани борҳои содиротии нахи сафедкардаи пахтаи гигроскопӣ аз Ӯзбекистон барои эҳтиёҷоти рӯзафзуни ширкати iCotton мубодилаи афкор ба амал омад.

Аз ҷумла, тавре ки раиси шӯрои директорони iCotton Сергейс Бинковскис изҳор дошт, ҷониби Латвия аз рушди шарикии муфиди тарафайн дар пояи дарозмуҳлат бо ширкатҳои Ӯзбекистон, пеш аз ҳама, бо корхонаи муштараки ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Barakat Alfa манфиатдор мебошад. Бинобар суханони ӯ, бо вуҷуди таъсири нохуши пандемияи коронавирус, тӯли ду моҳи охир ҳаҷми фурӯши маҳсулоти iCotton 4 баробар афзуд, ки натиҷаи кори бомуваффақияти ширкат дар бозори Аврупо ба шумор меравад. Нақшаҳои зиёд кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ, ки талаботро ба пахтаи сафедкарда зиёд мекунанд, таъкид гардид.

Дар навбати худ Тоҳирҷон Адамбоев изҳор дошт, ки Barakat Alfa яке аз корхонаҳои бузургтарини куллан автоматиконидашуда дар Осиё ва соҳаи ИДМ ба шумор меравад. Иқтидори истеҳсолии он соле ба 6 ҳазор тонна мерасад. Технологияи сафедкунӣ истифодаи 100 фоизаи перекиси кислородро пешбинӣ менамояд, худи ҷараён бо кӯмаки низомҳои автоматиконидашудаи компутерӣ татбиқ карда мешавад. Алҳол маҳсулоти ширкат, ки ба меъёрҳои аврупоӣ мувофиқат мекунанд, ба Фаронса, Италия, Полша, Юнон, Туркия, Украина, Русия, Белорус ва кишварҳои дигар содир карда мешаванд. Манфиатдорӣ бинобар кушодани бозорҳои нави фурӯш барои маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ изҳор гардид ва тайёрӣ ба ҳамкории дарозмуҳлат бо iCotton, бо такя ба таҷрибаи мусбати мавҷудаи ҳамкорӣ тасдиқ карда шуд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ ҷонибҳо ба қарордод дар бораи ба Латвия расонда додани нахи сафедкардаи гигроскопӣ ба маблағи 1 миллион евро имзо карданд, ки муоҳидаи расмии ҳуқуқии он рӯзҳои наздик анҷом меёбад.

АИ «Дунё»,
шаҳри РИГА.

Риштаҳои дӯстӣ

Яхи муносибатҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон об шуд

Ӯзбекистон ягона давлатест, ки бо тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамҳудуд мебошад. Ҷараёнҳои навсозӣ нафақат барои худи Ӯзбекистон нақши муҳим доранд, балки ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ таъсири нек мерасонанд. Ба шарофати мавқеи ҷуғрофӣ ва иқтидори демографиву иқтисодиаш мамлакат ба сифати қалби Осиёи Марказӣ эътироф шудааст.

Баъди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудани Шавкат Мирзиёев ба таҳкими муносибатҳо бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя, ки ба эътимоди тарафайн, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ такя мекунанд, эътибори махсус дода шуд. Ин муносибат барои ваҳдати минтақа ҳамчун асос хидмат мекунад.

Таърих ва суннатҳои умумӣ

Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро таърихи ягона, суннатҳои маънавӣ алоқаманд мекунанд. Ин ду халқ аз қадимулайём аз як дарё об нӯшидааанд, онҳоро риштаҳои хеши таборӣ мепайванданд. Ҳарчанд мо бо забонҳои гуногун ҳарф мезанем, тарзи ҳаётамон, маданиятамон қарин мебошанд. Суруду оҳанг, эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ба якдигар омехтаанд. Анъанаҳои дӯстии бостонӣ ва эҳтироми тарафайн дар муносибатҳои байни кишварҳо чун асоси мустаҳкам хидмат мекунанд.

Замонҳое низ буданд, ки дар байни халқҳои бародар девор буд. Сафарҳои тарафайн ба орзуҳои иҷронопазир мубаддал шуда буданд. Муносибати байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бинобар сабабҳои мухталифи геосиёсӣ тезу тунд гардид. Вале ба шарофати иродаи сиёсӣ ва сиёсати дурбинонаи президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон ҳамкориҳои бисёрҷанба тӯли солҳои охир ба сатҳи нав бардошта шуданд. Дӯстии байни халқҳо мустаҳкам гардид.

Аз ибтидои соли 1992, аз замоне, ки муносибатҳои дипломатӣ барқарор шуда буданд, беш аз сад муоҳида ва шартнома дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расиданд. Ин ҳуҷҷатҳо самтҳои муҳими шарикиҳоро дар бар гирифта, барои таҳкими ҳамкориҳои муштарак дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва ғайра асос гардиданд. Дар Шартномаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ, ки 4 январи соли 1993 имзо гардид ва Муоҳида дар бораи дӯстии абадӣ, ки 15 июни соли 2000 имзо шудааст, равандҳои асосии муносибатҳои дучониба мушаххас шудаанд. Инҳо эҳтиромии истиқлолият ва мустақилии давлатӣ, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, саъю кӯшиш барои истиқрори робитаҳои муфиди тарафайни иқтисодӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд.

(Давомаш дар сах.3).

МАНЗИЛҲОИ НАВИ БИСЁРОШЁНА

Имрӯз шаҳру деҳоти вилояти Намангон ба майдони бунёдкориҳо табдил ёфтааст. Манзилҳои нави бисёрошёна, корхонаҳои муштараки хоричӣ, муассисаҳои таълимӣ ва маданиву маишӣ қад афрохта, ҳамаи инҳо барои зисти фаровонии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Ноҳияи Тӯрақӯрғон бо шаҳри Намангон ҳамсарҳад буда, дар шафати шоҳроҳи Намангон – Тошканд воқеъ аст. Меҳмононе, ки аз пойтахт ташриф менамоянд, аз ноҳияи Тӯрақӯрғон мегузаранд.

Дар ноҳия ба сохтмони манзилҳои нави замонавӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Соли гузашта дар соҳили Косонсой, ки аз маркази ноҳия ҷорӣ мешавад ва дар маҳаллаҳои марказии Ҳуҷанд, Чусткӯпрук хонаҳои бисёрошёнаи арзон ва қулай қад афрохта, алҳол садҳо оилаи тӯрақӯрғонӣ дар он ҷо истиқомат мекунанд. Онҳо аз ин ғамхории давлатамон мамнунанд ва дар хонаҳои шароиташ мусоид бо хушнудӣ зиндагӣ мекунанд.

– Камина дар чунин хонаҳо истиқомат карданро солҳои дароз орзу мекардам. Ба чунин эътибор ва ғамхорӣ аз номи тӯрақӯрғониён ба сарвари давлатамон ташаккур изҳор менамоям, – гуфт Маъсуда Ҳакимова.

Имрӯзҳо нафақат дар маркази ноҳия, ҳатто дар деҳаҳо низ сохтмони манзилҳои истиқоматии бисёрошёна давом мекунад. Ҳоло сохтмони чунин хонаҳои истиқоматии чорошёна барои 24 оила дар маҳаллаи Ӯзбекистони деҳаи Қатағонсарой аз тарафи бинокорони гулдасти корхонаи хусусии «Тӯрақӯрғон тараққиёти қурилиш сервис» бо суръат давом мекунад.

– Дар сохтмон зиёда аз 50 нафар бинокорон ба қоидаҳои талаботи карантин риоя карда меҳнат мекунанд. Барои сохтмони манзил 2 миллиарду 340 миллион сўмина корҳои сохтмону монтажиро ба иҷро расонидан ба нақша гирифта шудааст. То ҳозир 1 миллиарду 200 миллион сўмина корҳои сохтмону монтажро ба сомон расонидем, – гуфт муҳандиси корхона Одилҷон Эгамбердиев.

Бинокорони корхона кўшиш мекунанд сохтмони манзили навро дар арафаи 29-солагии истиқлолияти мамлакат ба соҳибонашон ҳамчун тухфаи идона пешниҳод кунанд.

А.МУРОДОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

ХАБАРИ МУХТАСАР

ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ ПАНҶУМИ УМУМИИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар сах.1).

Хусусияти дигар. Истифодаи пурраи имкониятҳои сайёҳии шикорӣ дар кишвар, алалхусус ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба шикор даромади асосӣ ба Буҷаи давлатӣ зиёд мекунад. Парвариш, барқарор ва афзун кардани ҳайвоноти барои шикор истифодашаванда ба маблағгузорӣ мусоидат мекунад.

Дар Қонун «Дар бораи шикор ва хоҷагии шикорӣ» ҳаллу фасли ин масъалаҳо инъикос ёфтааند. Яъне диққати махсус ба таъмини таъсири бевоситаи моддаҳои Қонун ҷалб карда мешавад. Масалан, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи шикор ва хоҷагии шикорӣ муайян шудааند. Муқаррар шудааст, ки ҳисоби шумораи ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳайвоноти ёбоии шикорӣ бурда мешавад.

Ҳамзамон, зарурати танзими саршумори ҳайвоноти ваҳшӣ ва мубориза бар зидди паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар байни онҳо асоснок карда шудааст.

Қабули қонун барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳифзи муҳити зист тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои шикорӣ мусоидат мекунад. Инчунин барои пурзӯр гардондани назорати давлатӣ барои танзими меъёрҳо оиди пеш бурдани ҳисобу китоби шумораи ҳайвоноти ваҳшӣ, зиёд кардани саршумор ва шикори онҳо, рушди сайёҳии шикорӣ ва беҳтар намудани ҳолати хоҷагиҳои шикорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар бораи маъқул донисташудаи Қонун қарор қабул шуд.

Сипас Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» баррасӣ шуд.

Алоҳида таъкид гардид, ки аксарияти меъёрҳои қонун муносибатҳои воқеии ҳаётро танзим намекунанд, қисмати зиёди онҳо пурра муайян карда нашудааст ва механизми татбиқи чораҳои банақшагирифташуда вуҷуд надорад.

Аз ҷумла, дар моддаи 7-уми қонун муқаррар шудааст, ки шаҳрвандон ҳангоми иштирок дар ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ бо мақомот ва муассисаҳое, ки бевосита ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҷалб шудааند, ҳамкорӣ мекунанд. Аммо, дар қонун ваколат, ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои онҳо инъикос наёфтааند.

Баробари ин, масъалаҳои марбут ба рўйхати шахсоне, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва фаъолияти мақомоти анҷомдиҳандаи он иштирок менамоянд, пешбинӣ нашудааند. Дар моддаи 8-уми қонун маҳдудиятҳои вобаста ба иштироки шаҳрвандон дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба пуррагӣ инъикос наёфтааст.

Ба ғайр аз ин, дар қонун шаклҳои марбут ба аз ҷониби шаҳрвандон ташаккул додани сохторҳои ҷамъиятӣ ва иштирок дар фаъолияти онҳо бо мақсади мусоидат ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин иштироки инфиродӣ ва дастҷамъона дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ инъикос наёфтаст.

Сенаторон қайд карданд, ки дар баъзе моддаҳои қонун масъалаҳое, ки мустақиман ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон алоқаманданд, ифшо нашудааند, аммо ифрои онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муқаррар шудааст, инчунин бо ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ танзим намудани меъёрҳои қонун, ки бояд мустақиман амал кунанд ё набудани онҳо дар қонун, метавонанд манфиатҳои идоравӣ ва ҳадафҳои кўтоҳмуддатро дунболагирӣ кунад.

Илова бар ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар аксари ҳолатҳо бо ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ ба паст шудани таъсири қонунҳо, мавҷуд набудани қонунҳои фаъолияти мустақим, ҳалли ҷудогонаи масъалаҳо бе муносибати маҷмӯӣ оварда мерасонад.

Меъёрҳои қонун, ки ба пуррагӣ ифшо нашудааند, мавҷуд набудани механизмҳои татбиқи онҳо метавонад ба низоъ ва сўиистифодаи ҳуқуқӣ, пурзўр гардидани тартиботи бюрократӣ, қабули қарорҳои хилофи қонун оварад.

Бо назардошти ин сенаторон қарор карданд, ки қонунро рад кунанд.

Сипас Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон "Дар бораи фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ" баррасӣ шуд.

Қайд гардид, ки имрўзҳо равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ такмили соҳаи геодезӣ ва харитасозиро дар баробари дигар самтҳое, ки ба талаботи замонавӣ ҷавобгўянд, таҳозо мекунанд.

Дар таҳрири нави қонун чунин ҷанбаҳо ба назар гирифта шудааند. Аз ҷумла, мафҳумҳо ва принсипҳо, мақомоти ваколатдори давлатӣ дақиқ муайян гардида, қоидаҳо оид ба танзими давлатии ин соҳа низ муқаррар карда шудааند.

Ҳамзамон, қонун меъёрҳои марбут ба иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирӣ ва пешбурди баҳисобгирии давлатӣ оид ба геодезия ва харитасозӣ, пешбурди кадастри давлатии харитасозӣ ва геодезӣ ва фонди давлатии харитасозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Ўзбекистон, инчунин назорати давлатии геодезиро пешбинӣ менамояд.

Тасдиқи қонуни мазкур ба баланд бардоштани аҳамияти фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ хидмат карда, алалхусус системаи мазкурро бо истифода аз моҳвораҳо ва васеъ паҳн шудани технологияҳои рақамӣ ба сатҳи нав мебарорад.

Ғайр аз он, ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ пуррагӣ ва боэътимодии мавод ва маълумотҳо таъмин карда мешавад. Муҳим он аст, ки интиқоли маводҳо осон хоҳад шуд.

Аз қонун хориҷ кардани меъёрҳои ҳавола, инчунин барои субъектҳои соҳибкорӣ оид ба амалӣ намудани фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Қонунро сенаторон маъқул донистанд.

Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноиву ичроии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ба таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон нигаронида шудааст» дар маркази баррасӣ қарор гирифт.

Тағйироту иловаҳое, ки ба қонуни мазкур ворид карда мешаванд, ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагонро таъмин менамоянд.

Аз ҷумла, маҳдудиятҳо барои дидорбинии маҳкумшудагони ноболиғ бо падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда бекор карда мешаванд. Тартиби алоҳидаи дидорбинии занони маҳкумшуда бо кўдакони ноболиғ муқаррар карда шудааст.

Ғайр аз он, барои занҳои ҳомиладор ва занони фарзанддори маҳкумшуда ҳуқуқҳои иловагӣ муайян карда шудааند. Дар тўли сол ба занони маҳкумшуда чор маротиба дидорбинии дароз бо кўдаки ноболиғ то панҷ рўз фароҳам оварда мешавад, инчунин ба шахсоне, ки дар колонияҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешаванд, мулоқоти давомдор бидуни маҳдудият, дар вақти аз кор холӣ, бо имконияти зиндагӣ кардан дар берун аз ҳудуди муассиса дода мешавад.

Боз як хусусияти дигар дар он аст. Тартиби истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбат ба маҳкумшудагон дар давраи адои ҷазо дар асоси меъёрҳои одилонаи ҳавасмандгардонӣ, инчунин тартиби татбиқи фаъолияти комиссия оид ба татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва вазифаҳои мушаххаси он муайян карда шудааند.

Ҳамзамон, қонун чораҳои таъмини бехатарии шахсии маҳкумшудагонро дар давраи адои ҷазо васеътар мекунад. Бо мақсади ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон баргузор намудани кофтуков бо истифодаи беасоси воситаҳои махсус ва қувваи ҷисмонӣ нисбати маҳкумшудагон пешгирӣ карда мешавад.

Бо қонун ба моддаи 76 Кодекси ҷиноиву ичро оид ба ҳоҳиши маҳкумшуда низоми вусъат додани миқдори дидорбинӣ ва мулоқоти телефонии маҳкумшудагон ва иваз намудани онҳо бо мулоқотҳои видеоӣ ҷорӣ карда мешавад.

Дар ҷамъбаст гуфта метавонем, ки Қонуни мазкур барои васеъ гардондани ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшудагон, ҳимояи боэътимоди манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин ислоҳи шахсият дар низоми ичрои ҷазо ва татбиқи мутобиқати иҷтимоии он дар ҷомеа аҳамияти муҳим дорад.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Сипас сенаторон Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон»-ро баррасӣ намуданд.

Қонун ба Кодекси ҷиноӣ ва Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ, инчунин як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон, аз қабили «Дар бораи доруҳо ва фаъолияти фармасевтӣ», «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» тағйироту иловаҳо ворид мекунад.

Аз ҷумла, ба моддаи Кодекси ҷиноӣ, ки ҷавобгариро барои кирдорҳои ҷиноии вобаста ба муомилоти дорувории бесифат ё қалбакӣ муайян мекунад, иловаҳо ворид карда мешаванд. Яъне барои вайрон кардани тартиби савдои чаканаи дору бинобар ресепт, ки воситаи пурраҳаҷм сир доранд, масъулияти алоҳида муқаррар карда шудааст. Ба гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мўҳлати то панҷ сол ҷазо дод.

Ҳамзамон, дар Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шудааст, ки барои ичро накардани ўҳдадориҳои падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, ки боиси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гардидааст, онҳо то даҳ воҳиди асосии ҳисоб ҷарима карда мешаванд. Монеъ шудани падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда дар бобати таълими ҳатмии умумии миёна, миёнаи махсус, касбу ҳунар гирифтани бачаҳо ҷарима то бисту панҷ воҳиди базавии ҳисоб таъин карда мешавад.

Қабули қонун барои ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва минбаъд баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ дар ин самт аҳамияти муҳим дорад.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Сипас аз ҷониби сенаторон Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ратификатсияи Протокол оиди ворид намудани илова ба Созишномаи байни давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба баргузории машқҳои муштараки ҳарбӣ (Бишкек, 29 апрели соли 2019)» баррасӣ гардид.

Қайд гардид, ки шаффофияти сиёсат дар соҳаи мудофиа, инчунин густариши робитаҳои амалӣ бо дигар кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи амният ва мудофиа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамин тавр, вазифаи зарурӣ такмили минбаъдаи омодагии ҷангӣ ва фаврии Қувваҳои Мусаллаҳ, пурзўр кардани машқҳои таълимӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо мебошад.

Қабули қонуни мазкур ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои узви СҲШ дар соҳаи ҳарбию техникӣ, таъмини амнияти ҳарбии тарафҳо, таҳкими нерўи низомии Қувваҳои Мусаллаҳи ҳуд, амалӣ намудани тайёрии кадрҳои низомӣ, гузарондани чорабиниҳои муштарак оид ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ хидмат мекунад.

Ҳамзамон, дар Созишнома тағйиротҳои нав дароварда шудааند, ки Протокол барои ҳамроҳшавии ҳар як давлати узви СҲШ ба он кушода шудааст, ки Созишномаи мазкур дар давоми 30 рўз аз рўзи гирифтан аз депозитарии ҳуҷҷат эътибор пайдо мекунад.

Аъзои Сенат дар бораи маъқул донистани қонуни мазкур қарор қабул намуд.

Сипас аъзои Сенати Олий Маҷлис Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Протокол дар бораи манъи истифодаи газҳои гулўгиранда, заҳрдор ё дигар моддаҳои ба ин монанди бактериологӣ дар ҷанг (Женева, 17 июни соли 1925)»-ро баррасӣ кард.

Протоколи мазкур ҳуҷҷатест, ки талаботи Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол ва ҷамъоварии захираҳои яроқи бактериологӣ (биологӣ) ва токсинӣ ва нестсозии онҳоро таҳвият ва илова мекунад, ки 10 апрели соли 1972 дар шаҳрҳои Москва, Лондон ва Вашингтон ба имзо расидааст.

Айни замон 142 кишвар ба Протоколи Женева, аз ҷумла аз кишварҳои ИДМ — Арманистон, Молдова, Русия, Тоҷикистон, Украина ва Қирғизистон ҳамроҳ шудааند.

Аъзои Сенат қайд карданд, ки қабули қонун барои таъмин ва рушди самараноки мудофиаи ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим дошта, инчунин дар таҳкими иштироки баробари Ўзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ қадами муҳим хоҳад буд.

Ҳамроҳшавӣ ба Протоколи мазкур инчунин ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар соҳаи мудофиа мувофиқат мекунад ва ба талаботҳои қарордодҳои байналмилалӣ, ки мутобиқи қонунгузорӣ эътибор пайдо кардааند, мухолиф намебошад.Сенаторон қонунро қабул карданд.

Сипас ахбори вазири адлия дар бораи корҳое, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соли 2019 дар соҳаи тарғиби ҳуқуқӣ ва маърифатӣ татбиқ шудааند, шунида шуд.

Зикр гардид, ки дар соли гузашта вазорат тақрибан 530 ҳазор чорабинии тарғиботӣ ташкил карда, ба шаҳрвандон маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода, ҳона ба ҳона гашта мушкилотро зоҳир намуданд.

Дар доираи Консепсияи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷамъият, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи куллан такмил додани системаи баланд бардоштани маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷамъият» тасдиқ шудааст, Вазорати адлия дар шабакаи Интернет 5 порталли ҳуқуқиро таҳия кардааст, ки ба баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва маданияти ахолӣ мусоидат менамояд.

Аз ҷумла, ҳоло портали ҳуқуқии «Advice.uz» (e-maslahat.uz) фаъолият мекунад, ки он бо низоми электронӣ пайваста, дар он ҳаллу фасли ҳуқуқии ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ пешниҳод гардида, хидматрасонии давлатӣ расонда мешавад. Зиёда аз 53 ҳазор нафар аз он истифода карданд. Ғайр аз он, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии насли наврас, тарбияи фарзандон аз хурдсолӣ дар рўҳияи эҳтиром ба қонун сайти «bolahuquqlari.uz» ва низоми баҳодиҳӣ ба саводнокии ҳуқуқӣ «test.adliya.uz» таъсис дода шудааст, ки қариб 16 ҳазор нафар аз он истифода карданд.

Дар баробари ин, дар ҷараёни ҷамъомад диққати сенаторон ба баъзе камбудиҳо дар соҳаи тарғиботи ҳуқуқӣ, мушкилоте, ки ҳаллашонро интизоранд, ҷалб карда шуд. Қайд гардид, ки ҳангоми рушди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, кор дар самти таълими ҳуқуқӣ ва тарбия мунтазаму пайваста гузаронида намешавад, дар ин самт ягон механизми самарабахш вуҷуд надорад.

Илова бар ин, ташкил ва амалигардонии чорабиниҳо оид ба тарғиби мақсадноки ҳуқуқӣ дар ҷамъият ба дараҷаи бояду шояд намебошад. Иштироки фаъолонаи аксарияти ноҳиёҳои Булунғур ва Пастдарғом корҳои сохтмон ба итмом нарасида, дар ноҳияҳои Каттақўрғон ва Ҷонбой ин корҳо ҳанўз сар нашудааст.

Дар вилоят татбиқи 10 лоиҳа боздошта шудааст, ки аз ҷониби сафоратхонаҳоямон дар Чин, Туркия, Юнон, Испания ба миқдори 1 триллиону 540 миллиард сўм пешниҳод гардидааند. Кор аз рўи 16 лоиҳа ба қимати 2 триллиону 385 миллиард сўм оғоз нагаштааст.

Низоми таъмини мунтазами мактабҳои таълими умумӣ бо ҷиҳозҳои варзишӣ роҳандозӣ нагаштааст, аз ин сабаб аксарияти мактабҳои вилоят бо ҷиҳозҳои варзишӣ танҳо солҳои 2016-2017 таъмин гаштааند. Боз як масъала. Аз 2164 психологе, ки дар мактабҳои маҳаллӣ кор мекунанд, 1340 нафарашон, яъне 62 фоизашон ихтисоси марбутро соҳиб нестанд.

Ғайр аз ин муаммоҳое вуҷуд доранд, ки бо оби ошомиданӣ, электр ва гази табиӣ (моеъ) алоқаманданд. Масалан, баъзе қисмҳои шабакаи электрикӣ дар ҳолати ғайри қобили истифода аст. Нақшаи соли 2019 доир ба таъмири капиталии газотрубопровод ичро нагаштааст. Роҳҳои дохилии вилоят таъмирталабанд.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки ҳулосаи омўзиши вилоят дар сессияи Шўрои депутатҳои халқи вилоят, ки 22 майи соли 2020 баргузор гардид, муҳокима гардида, дар он «Харитаи роҳ» дар заминаи ҳалли масъалаҳо дар миқёси вилоят тасдиқ гардида, инчунин нақшаи чорабиниҳо доир ба роҳандозии фаъолияти Шўрои вилоятӣ ба сифати «Шўрои намунавӣ» низ зиёд аст.

Бо мақсади ба аҳолӣ хидматрасонии тиббии босифат муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ ба миқдори 10,3 миллиард сўм таъмин гардида, миқдори мошинҳои ёрии таъҷилӣ аз 150-то то 260-то зиёд гаштааст. Дар се соли охир дар вилоят миқдори муассисаҳои хусусии тиббӣ аз 37-то то 376 расид, яъне 10 баробар зиёд гардид.

Дар доираи панҷ ташаббуси муҳими пешниҳоднамудаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, дар зарфи соли 2019 беш аз 7 ҳазор чорабинии гуногун баргузор шуда, онҳо беш аз 1,6 миллион ҷавононро фаро гирифтанд.

Дар сессияҳои шўроҳои маҳаллии депутатҳои халқ ҳисобот ва маълумоти роҳбарони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ шунида шудааст. Аз ҷониби депутатҳои шўроҳои маҳаллӣ дархостҳои депутатӣ доир ба ҳалли масъалаҳое, ки зимни мулоқоти бевосита бо аҳолӣ ба миён гузошта шуда буданд, фиристода шудаанд ва ҳамчунин дар муроҷиатҳои онҳо зикр гаштаанд. Ичрои дархостҳои мазкур зери назорат гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад инчунин вуҷуд доштани баъзе муаммоҳо ва камбудиҳо, ки ба пешравии вилоят таъсири манфӣ мерасонанд, зикр гардиданд.

Масалан, соли 2019 дар марказҳои маданияти вилоят корҳои сохтмон ба таври пурра ичро нагаштааст. Аз ҷумла, дар марказҳои маданияти ноҳияҳои Булунғур ва Пастдарғом корҳои сохтмон ба итмом нарасида, дар ноҳияҳои Каттақўрғон ва Ҷонбой ин корҳо ҳанўз сар нашудааст.

Дар вилоят татбиқи 10 лоиҳа боздошта шудааст, ки аз ҷониби сафоратхонаҳоямон дар Чин, Туркия, Юнон, Испания ба миқдори 1 триллиону 540 миллиард сўм пешниҳод гардидааند. Кор аз рўи 16 лоиҳа ба қимати 2 триллиону 385 миллиард сўм оғоз нагаштааст.

Низоми таъмини мунтазами мактабҳои таълими умумӣ бо ҷиҳозҳои варзишӣ роҳандозӣ нагаштааст, аз ин сабаб аксарияти мактабҳои вилоят бо ҷиҳозҳои варзишӣ танҳо солҳои 2016-2017 таъмин гаштааند. Боз як масъала. Аз 2164 психологе, ки дар мактабҳои маҳаллӣ кор мекунанд, 1340 нафарашон, яъне 62 фоизашон ихтисоси марбутро соҳиб нестанд.

Ғайр аз ин муаммоҳое вуҷуд доранд, ки бо оби ошомиданӣ, электр ва гази табиӣ (моеъ) алоқаманданд. Масалан, баъзе қисмҳои шабакаи электрикӣ дар ҳолати ғайри қобили истифода аст. Нақшаи соли 2019 доир ба таъмири капиталии газотрубопровод ичро нагаштааст. Роҳҳои дохилии вилоят таъмирталабанд.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки ҳулосаи омўзиши вилоят дар сессияи Шўрои депутатҳои халқи вилоят, ки 22 майи соли 2020 баргузор гардид, муҳокима гардида, дар он «Харитаи роҳ» дар заминаи ҳалли масъалаҳо дар миқёси вилоят тасдиқ гардида, инчунин нақшаи чорабиниҳо доир ба роҳандозии фаъолияти Шўрои вилоятӣ ба сифати «Шўрои намунавӣ» низ тасдиқ гардид.

Инчунин нотгузирии андешидани чорабиниҳои таъҷилӣ барои бартарафсозии мушкилоти мавҷуда таъкид гардид. Аз рўи масъалаи мазкур маълумоти роҳбарони вазорат ва идораҳои масъул шунида шуд.

Дар ҷамъомад аз рўи масъалаи мазкур қарори дахлдор қабул гардида, «Харитаи роҳ» доир ба бартарафсозии мушкилот, ки ҳалли ҳудро дар микёси ҷумҳурӣ интизор аст, тасдиқ гардид. Ҷорӣ намудани назорати сенаторӣ аз рўи ичрои он муайян карда шуд.

Аъзои Сенати Олий Маҷлис масъаларо дар бораи ирсол намудани дархости парлумонӣ дар бораи ҳолати таъмини бехатарии ҳаракати роҳ ва ичрои қонунгузории соҳаи мазкур баррасӣ намуданд.

Аз сабаби он ки назорати пурра ва босамари таъсирбахш дар бобати таъмини бехатарии мусофирон дар роҳҳои автомобилӣ вуҷуд надорад, соли 2019 дар мамлакат беш аз 6 миллион ҳолати вайронкунии ҳаракати роҳ ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷа 8588 ҳодисаи роҳу нақлиёт содир гардида, 7943 нафар ҷароҳатҳои гуногун бардошта, 2096 нафар қурбони ҲРН гардиданд.

Дар семоҳаи аввали соли 2020 дар натиҷаи 1229 ҲРН 376 нафар ҳалок гардид.

Бинобар таҳлилҳо, кор дар бобати гузоштани фото ва видеодастгоҳҳои бақайдгирии автоматии вайронкунии қоидаи роҳ ва инчунин фоторадарҳо, ки дар низоми онлайн кор мекунанд, бо суръати паст ичро мегарданд. Ғайр аз ин ба бисёр масъалаҳо, ки бо таъмини ахбори ҳаракати роҳ дар роҳҳои автомобилӣ алоқаманданд, инкишофи инфрасохтори шафати роҳ бинобар талаботи стандартҳои байналхалқӣ эътибори бояду шояд дода намешавад.

Аз сабаби номутобиқатӣ ба талаботи таълими хонандагони мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ ба қоидаҳои ҳаракати роҳ соли 2019 1309 ҳодисаи роҳу нақлиёт вобаста бо бачаҳо содир гаштааст. 1147 нафар бачаҳо ҷароҳат бардошта, 193 кўдак вафот кардааст.

Зимни ҷамъомад бо мақсади бартарафсозии чунин мушкилот ва камбудиҳо сенаторон таъкид карданд, ки инчунин Қоидаи ҳаракати роҳ дар таҳрири нав, ки Девони Вазирон тасдиқ намудааст, бояд такмил дода шавад. Мушкилоте, ки бо тартиби тарбияи ронандагон дар мамлакат ва санҷиши онҳо алоқаманданд, аз ҷониби шаҳрвандон барҳақ боиси эътироз мегардад.

Аъзои Сенат қарорро дар бораи фиристодани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирон дар бораи ҳолати таъмини бехатарии ҳаракати роҳ ва ичрои қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур қабул намуданд.

Баъдан сенаторон инчунин масъаларо дар бораи фиристодани дархости парлумонӣ вобаста ба мушкилоте, ки аз рўи масъалаҳои марбут ба партов ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ, баррасӣ намуданд.

Таъкид шуд, ки дар натиҷаи ҷараёни омўзиш аз ҷониби Кумитаи Сенат оид ба масъалаҳои аграрӣ, хоҷагии об ва экология ичрои Қонун «Дар бораи партов», ки моҳи июни соли ҷорӣ баргузор гардид, чандин мушкилот фош карда шуд, ки ҳалли таъҷилии ҳудро мунтазиранд.

Аз он ҷумла, аз ҷониби мақомоти масъули давлатӣ кор доир ба муҳофизати муҳити зист, хориҷ намудан ва аз нав кор кардани партов, ташкили полигонҳои пўшондани партов дар асоси талаботи санитарӣ дар дараҷаи зарурӣ танзим намегардад. Кор дар бобати саракунӣ, ҷамъоварӣ, безарарсозӣ ва утилизатсияи партов нодуруст ташкил гаштааст.

Ғайр аз ин, кор дар бобати ба рўйхатгирии партовҳои бавуҷудоянди саноатӣ ва сохтмон, яъне низоми ҷамъоварӣ, ҷойгирсозӣ ва азнавкоркард мутлақ ба талаботи имрўз ҷавоб намедиҳад. Аз он ҷумла соле дар ҷумҳурӣ қариб 35 миллион метри мукааб партови маишӣ, беш аз 100 миллион тонна партови саноатӣ ба вуҷуд меояд. Ҳатто 10 фоизи чунин партов аз нав кор карда намешавад.

Шакл ва усулҳои идораи замонавӣ дар самти мазкур ба андозаи кофӣ татбиқ нагаштааст, ки ин дар натиҷа барои босамар истифода намудани потенсиали корхонаҳои азнавкоркард имконият намедиҳад.

Ҳангоми омўзиш инчунин ҳолати 195 полигони рўпўш намудани партови маишии сахт, ки дар ҷумҳурӣ вуҷуд дорад, омўхта шудааст. Дар натиҷа маълум гаштааст, ки дар истифодаи полигони партови сахти маишӣ чандин мушкилот вуҷуд дорад, аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор чорабиниҳои дахлдор дар бобати ташкил намудани кор вобаста бо партов андешида намешавад. Ин, дар навбати ҳуд, метавонад ба зуҳури бемориҳои гуногуни сироятӣ ва ҷ дар байни аҳолӣ, ки дар ин ҳудуд зиндагӣ мекунанд, боис гардад.

Ба ин мазмун Сенат қарорро дар бораи фиристодани дархости парлумонӣ ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон вобаста ба мушкилоте, ки дар масъалаҳои вобаста ба партов ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ вуҷуд дорад, қабул намуд.

Аъзои Палатаи болоии парлумон натиҷаҳои дархости парлумониро дар бораи чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани обрўи байналхалқии Ўзбекистон дар истиқболи самти сайёҳӣ, ки ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон фиристода шуда буд, баррасӣ намуданд.

Ғайр аз ин масъала дар бораи таъин намудани Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Давлати Исроил баррасӣ гардид.

Сенаторон қарорро дар бораи таъин намудани Ферўза Йўлдошевна Маҳмудова ба вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Давлати Исроил қабул намуданд.

Инчунин қарорҳои Шўрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон тасдиқ гардиданд.

Бо ҳамин ҷамъомади панҷуми умумии Сенати Олий Маҷлис кори ҳудро ба поён расонд.

Хидмати иттилоотии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Яхи муносибатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон об шуд

(Аввалаш дар сах.1).

Гуфтушунидҳои конструктивӣ

Дар муҳлати кӯтоҳи сипаришуда дар муносибатҳои тоҷикистониву ўзбекистонӣ дигаргуниҳои бузург ба амал омаданд. Пешбурди онҳо аз сафари давлатии Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон, ки соли 2018-ум ба вуқӯъ пайваст, оғоз ёфт.

Рӯҳи конструктивии гуфтушунидҳое, ки дар Душанбе дар вазъи дӯстона баргузор шуданд, омили вусъат пайдо кардан ва амиқ гардидани ҳамкориҳои васеъмиқёс дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, нақлиёту коммуникатсия, маданиву башардӯстӣ ва ғайра шуданд. Ҳоли ҳозир роҳбарони ҳар ду кишвар барои мустақимона инкишоф додан ва мустаҳкам намудани шарикии бисёрҷанба хоҳишу майли мустаҳкам доранд, ҳамчунин дӯш ба дӯш гузошта барои забти қуллаҳои нав саъй менамоянд.

Робитаҳои тарафайни дӯстӣ бо қадамҳои мушахаси амалӣ ғанӣ гардида, зуд инкишоф меёбанд. Саҳифаҳои нави ҳамкорӣ аз мақсад ва пешомадҳои нав ба манфиати ҳар ду халқ пурра мешаванд.

Ба суханони президенти парлумони замини Бремен (Олмон) Кристиан Вебер муроҷиат мекунем:

– Баҳои ба сари ҳукумати Ўзбекистон омадани Шавкат Мирзиёев вазъият дар мамлакат ба шарофати татбиқ намудани ислоҳот зуд тағйир меёбад. Тошканд фаъолияти сиёсати хориҷии худро, бахусус дар муносибатҳои тарафайн

бо ҳамсояҳо инкишоф дод, дар муддати кӯтоҳ пешрафти воқеӣ ба даст омад. Ўзбекистон дар самти мазкур роҳ ва сиёсати дурустро пеш гирифтааст, ки аллакай натиҷаҳои мусбат медиҳанд. Аз ҷумла, сафари давлатии роҳбари Ўзбекистон ба Тоҷикистон, бидуни шубҳа, таъриҳӣ мегардад ва имкониятҳои навро дар муносибатҳои дуҷониба фароҳам меоварад. Шавкат Мирзиёев худро ба сифати исҳоҳгари хеле муқтадир ва сиёсатмадори дурбин муаррифӣ менамояд. Мо корҳоеро, ки ӯ амалӣ мекунаду ба таъмин гардидани сулҳу салоҳ, эътидол ва шукуфоии минтақа мусоидат менамоянд, дастгирӣ мекунем.

Эътимод ва ҳусни тафоҳум

Вохӯриҳо ва гуфтушунидҳои телефонии роҳбарони Ўзбекистон ва Тоҷикистон доимӣ гардиданд. Муҳтавои мулоқот, аз бисёр ҷиҳат ба эътимоди тарафайн, ки байни президентҳо ташаккул ёфтааст, вобаста мебошад. Ин ҷиҳат дар вазъи ғайрирасмӣ, ҳангоме ки сарони кишварҳо нисбат ба якдигар бо суханони «бародари азиз» муроҷиат мекунанд, низ зуҳур меёбад. Мулоқоти кушоду самимӣ дар сатҳи олӣ барои пурзӯр гардидани ҳамкориҳои байниҳукумативу байниидоравӣ асоси мустаҳкам мегардад.

Моҳи августи соли 2018 аввалин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ўзбекистон баргузор гардид, ки дар рушди ҳамкориҳои тарафайн ҳодисаи навбатии дорои аҳамият пазируфта шуд.

Сухани бевосита

Нашрияи «Независимая газета»-и Русия навиштааст:

«Соли равон Тоҷикистон ва Ўзбекистон якдигарро дастгирӣ мекунанд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тақрибан баъд аз 20 сол бо сафари нахустини давлатӣ ба Тошканд омад. Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳо бо роҳбари Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев як қатор ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, муоҳида дар бораи шарикии стратегӣ ва дар бораи тақсиму марзбандии сарҳадҳои давлатии байни ду мамлакат имзо гардиданд».

Кушоиши сарҳадҳо – бахту саодати воқеӣ

1 марти соли 2018 дар ҳаёти шаҳрвандони ду мамлакат замони воқеан хубу фаромӯшнопазир оғоз гардид. Ҳисоботи татбиқшавии шартномаҳо, ки дар байни роҳбарони Тоҷикистон ва Ўзбекистон ба имзо расиданд, аз ҳамин рӯз ибтидо мегирад. Нуҳ нуқтаи назоративу гузаргоҳии байни сарҳадҳои Ўзбекистону Тоҷикистон дар вазъи тантанавӣ кушода шуданд. Инҳо нуқтаҳои назоративу гузаргоҳии шоҳроҳи автомобилии – «Ҷартеппа» («Саразм») дар вилояти Самарқанд, «Кӯшкент» («Ўротеппа») ва «Учқӯрғон» («Ҳавотоғ») дар вилояти Ҷиззах, «Хавособод» («Зафаробод») дар вилояти Сирдарё, «Бекобод» («Ҳаштяк») дар вилояти Тошканд, «Поп» («Навбунёд») дар вилояти Намангон, «Равот» («Равот») дар вилояти Фарғона, «Гулбаҳор» («Айвач») дар вилояти Сурхондарё, ҳамчунин нуқтаи «Амузанг» («Хошадӣ») дар хати роҳи оҳан мебошанд. Маросими кушоиши сарҳадҳо бо иштироки шахсони расмии ду мамлакат ва аҳолии ноҳияҳои наздик дар вазъи мутантан баргузор шуданд. Онҳо ҳодисаҳое мебошанд, ки халҳҳои бародар бесаброна интизор буданду барои сафарҳои байниякдигарии шаҳрвандон имконият фароҳам оварда, ба нигоҳ доштану мустаҳкам намудани алоқаҳои хешу табории халҳҳои ду кишвар хидмат хоҳанд кард.

Пулҳои дӯстӣ

Дар байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди собиқ низомҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ ва саноату савдо ба ҳамдигар вобаста буданд, тӯли солҳои истиқлолият алоқаҳо дар соҳаҳои мазкур тақрибан аз байн рафтанд. Аввал алоқаҳои нақлиётӣ, аз ҷумла парвозҳои авиатсионӣ – рафтуои самолётҳо бинобар хатсайри Душанбе – Тошканд бекор карда шуданд. Баъдтар истифодаи роҳе, ки аз тариқи ҳудуди Тоҷикистон ба водии Фарғона мерафт, манъ шуд. Дар байни ду ҷумҳурӣ низоми раводид ҷорӣ гардид.

Баъд аз соли 2016-ум сарҳадҳо кушода шуданд ва деворҳо аз байн рафтанд, ба ҷойи таворахои хордор «пулҳои дӯстӣ» пайдо шуданд, дар Тоҷикистон низ роҳҳо боз гардиданд. Вале дар муқоиса бо Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон обшавии яхҳо дар муносибат бо Тоҷикистон мураккабтар буд. Дар тӯли беш аз 20 соли баъд аз истиқлолият алоқаҳо акнун ривоҷ ёфтанд, ҳарчанд халҳҳои мо асрҳо дар байни мардумони Осиёи Марказӣ аз ҳама қарин буданд. Нуқтаҳои назоративу гузаргоҳӣ кушода шуданд, барқароршавии равуо аз тариқи роҳи оҳан ва роҳҳои ҳавоӣ бо хурсандии бузург истиқбол гардид. Мардуме, ки дар ҳудудҳои наздисарҳадӣ зиндагӣ мекунанд, муносибати тағирёфтаи сарҳадбононро нисбат ба худ зуд эҳсос карданд. Дигар ягон кас, барои онҳо тавре ки пештар буд, мушкилоте эҷод намекард.

Гузаргоҳҳои нақлиётии Ўзбекистон барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ, вусъат додани робитаҳои тиҷоратӣ бо тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчунин бо Афғонистон хеле муҳим мебошанд.

Дар натиҷаи беҳшавии муносибатҳои Тоҷикистон ва Ўзбекистон дар соҳаҳои ҳамкории нақлиётӣ, иқтисодӣ ва энергетикӣ низоми ягонаи энергетикӣ эҳё гардид.

Ҳудудҳои бидуни мина

Бинобар натиҷаи сафари давлатии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон моҳи марти соли 2018 сарони ду давлат барои анҷом додани корҳо бинобар то охири соли 2019 аз мина тоза кардани ҳудудҳои умумӣ ба мувофиқа расиданд. Дар рӯзҳои аввали соли 2020-ум шахсони расмии давлатҳои мо эълон карданд, ки ҳудудҳои байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон аз минаҳои пештар гузошташуда кулан тоза карда шуданд. Чун одат тоҷикистониён ва бахусус онҳое, ки дар ҳудудҳои наздисарҳадӣ бо Ўзбекистон зисту зиндагӣ мекунанд, ин навгониро бо хурсандии бузург истиқбол гирифтанд.

Аввалин таркиши мина дар сарҳад, ки боиси ҳалокати одамон гардид, 29 августи соли 2000-ум дар Исфара ба вуқӯъ омад. Дар натиҷа ду зан ва ду духтаре, ки дар деҳаи Қизилпилоли ҳудуди ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона зиндагӣ мекарданд, ҳалок шуданд. Боз як зан ва духтар ҷароҳат бардоштанд. Баъд аз ин ҳодиса одамоне, ки дар нуқтаҳои аҳолинишини Лаккон, Офтобрӯ, Кулкент, Чилгазӣ ва Нефтободи ноҳияи Исфара, ҳамчунин ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Панҷакент ва Шаҳристони шимоли Тоҷикистон зисту зиндагӣ мекарданд, қурбони мина шуданд. Нафаре аз фавтидагон террорист ё ҳуд нашъафурӯш набуд. Яке чорвояшро мечаронид, дигаре барои ҷамъоварии ривоҷ (чукрӣ) ба кӯҳ баромада буд, кадоме мехост аз хешовандонаш, ки дар Ўзбекистон зиндагонӣ мекунанд, хабар гирад. Шукри Худо, ки он рӯзҳо паси сар шуданд.

Зуҳуроти равшани инсонпарварӣ

9 апрел Ўзбекистон ба Тоҷикистон 18 вагон орд ва воситаҳои зиддисептикиро фиристод. 7 май аз Ўзбекистон ба сифати кӯмаки башардӯстона 144 контейнери зарурии тиббӣ омад, ки дар рӯзҳои душвор барои ҷойгиркунӣ ва табобати беморони коронавирус ба

Таъкид

Халҳҳои тоҷику ўзбек ҳамеша хешу табор буданд, оилаҳои муштарак барпо мекарданд. Урфу одат ва анъанаҳои онҳо нафақат наздик, балки тақрибан ягона буд. Гармшавии муносибатҳои байни ду давлати ҳамсоя, дар навбати аввал, ба ҳаёти шаҳрвандони оддӣ таъсири мусбат расонид.

кор омаданд. Контейнерҳо бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ мучаҳҳаз ва дар ҳар кадоми онҳо ҷойҳо барои истироҳат ва шустушӯ, хатҳои санитарӣ мавҷуд буданд. Онҳо бодбезак доштанд.

Барои кӯмакрасонӣ дар мубориза бар муқобили касалии коронавирус аз Ўзбекистон ҳашт нафар духтурони дорои маълумоти олӣ омаданд, ки таҷрибаи ҳудро бо шифокорони мо барои табобати беморон баҳам диданд. Охири моҳи май аз Ўзбекистон бори навбатии сеюми башардӯстона расид. Бо вуҷуди он ки ҳуди Ўзбекистон аз пандемияи коронавирус азият мекашад, вай ҳатто дар чунин замони душвор ҳам бо мо – ҳамсояҳои ҳуд ҳамдард буд. Ин нишони меҳру мурувват ва кушодадилии халҳи бародари ўзбек мебошад.

1 май сарбанди обанбори Сардоба дар вилояти Сирдарёи Ўзбекистон зарар дид. Дар натиҷа ҳазорҳо нафар бехона монданд ва маҷбур буданд мувакқатан ҷойи зисти ҳудро тарк кунанд. Вазъияти дар кишвари ҳамсоя ба миёнамадаро дида Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон супориш дод, ки ба Ўзбекистон барои ҷабрдидагон ба сифати кӯмак дар ҳаҷми зиёда аз 2,5 миллион доллар 51 вагон маводи сохтмону бинокорӣ фиристода шавад. Бигузор, дӯстии байни мо абадӣ бошад.

Иродаи сиёсии роҳбарони кишварҳои мо, мулоқоти пурмуҳтавои байни онҳо, гуфтушунидҳои дуҷониба ба рушди минбаъдаи мамлакатҳо ва фаровонҳолии халҳҳои бародар мусоидат мекунанд.

Қобилҷон ХУШВАҚТЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Таъкид

Маҳоли халҳӣ мефармояд: «Дӯст дар кулфат шинохта мешавад». Ин маҳол, махсусан, дар рӯзҳои мо, ҳангоме ки пандемияи коронавирус сабру суботамонро месанҷад, хеле рӯзмарра мебошад. Рӯзҳои охир дар соҳати иттилоот хабару гузоришҳо дар бораи кӯмаки башардӯстона вобаста ба пандемия зуд-зуд ба назар мерасанд. Дар тӯли се моҳи сипаришуда аз Ўзбекистон ба Тоҷикистон борҳои инсонпарварона фиристода шуданд. Ин кӯмак дар ифодаи пулӣ ба 2,5 миллион доллар баробар аст. Ин нисбат ба кӯмаки давлатҳои дигар зиёдтар мебошад.

Аз шумораи 19 июн, № 129, с.2020 «Халҳ сӯзи» гирифта шуд.

Ҳарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪД ТАКМИЛ ДОДАНИ МЕХАНИЗМҲОИ МУҚОБИЛИ ҲАЛЛУ ФАСЛИ ТАЛОШҲО

(Аввалаш дар сах.1).

Муайян карда шавад, ки тартиби мазкур ҳуқуқи муроҷиати ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқиро бинобар чунин парвандаҳо бевосита ба мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ бекор намекунад.

3. Инҳо вазифаҳои асосии Шӯрои санҷиши шикоят муайян карда шаванд:

қабул кардани чораҳо оид ба ҳаллу фасли талошҳое, ки дар байни ашхоси ҷисмониву ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ ба миён меоянд, аз тариқи баррасии тосудӣ ва қабул намудани хулосаҳо;

қабул кардани чораҳо оид ба мувофиқи тартиби муқарраршуда ба роҳ мондани маъниодоҳунии расмии меъёрҳои қонунгузорӣ дар ҳолати ба миён омадани гуногунфаҳмӣ ё ҳуд нодурустфаҳмӣ, ё истифодаи нодурусти онҳо ҳангоми баррасии муроҷиатҳо;

ворид кардани таклифҳо дар бораи аз байн бардоштани нофаҳмиҳо дар қонунгузорӣ, ки ҳангоми баррасии муроҷиатҳо ошкор шудааанд.

4. Муқаррар карда шавад, ки:

ҳайати Шӯрои санҷиши шикоят бо қарори роҳбари мақомоти дахлдори давлатӣ барои дуюнимсол тасдиқ карда мешавад;

ҳайати Шӯрои санҷиши шикоят метавонад аз 7-11 нафар аъзо иборат бошад;

ба узвияти Шӯрои санҷиши шикоят роҳбарон ва ходимони шуъбаҳои сохтории дастгоҳи марказии мақомоти давлатӣ, ки тачрибаи амалӣ доранд ва соҳибобрӯ мебошанд, ҳамчунин шаҳрвандони бонуфузе, ки тачрибаи бузурги амалӣ ё ҳуд дар соҳаи мазкур донишҳои илмӣ доранд, қабул карда мешаванд. Дар ин маврид миқдори аъзои Шӯрои санҷиши шикоят, ки роҳбар ё ҳуд ходими шуъбаҳои сохтории дастгоҳи марказии мақомоти давлатӣ ба шумор намераванд, набояд аз панҷяки миқдори умумии аъзои Шӯрои санҷиши шикоят зиёд бошад;

Шӯрои санҷиши шикоят бинобар масъалаи баррасишаванда хулоса мебарорад, ки ҷиҳати тавсиявӣ дорад. Хулосае, ки аз ҷониби Шӯрои санҷиши шикоят бароварда шудааст, дар зарфи се рӯз ба роҳбари мақомоти давлатӣ барои муҳокима, ба ҷонибҳои манфиатдори дигар барои маълумот фиристода мешавад;

роҳбари мақомоти давлатӣ ё ҳуд муовини ӯ, ки хулосаи Шӯрои санҷиши шикоятро қабул кардааст, метавонад онро дар шакли асосноки хаттӣ ба қайд гирад ё ҳуд боз гардонад. Дар ин маврид роҳбари мақомоти давлатӣ ё ҳуд муовини ӯ бояд дар муддати се рӯз дар шакли хаттӣ ё ҳуд электронӣ Шӯрои санҷиши шикоят ва ҷонибҳоро дар бораи қабул шудани қарор огоҳ кунад.

5. **Дастур дар бораи Шӯрои санҷиши шикоят бинобар танзими тосудии талошҳои байни ашхоси ҷисмониву ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ мувофиқи замима** тасдиқ карда шавад.

6. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон (Р. Давлетов, М. Икромов) супурда шавад, ки:

мониторинги фаъолияти мақомоти давлатиро ба роҳ монад, ки дар он бинобар самти дахлдор барои кори доимӣ Шӯрои санҷиши шикоят ташкил карда, ба мақсади таъмин сохтани кори самарабахши низом ба онҳо кӯмакҳои амалӣ ва услуби расонида мешавад;

то 1 июли соли 2021 дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои тачриба, ки мувофиқи боби 2-юми қарори мазкур гузаронида мешаванд, ба Девони Вазирон **дар бораи мувофиқи мақсад будани ҷорӣ кардани он минбаъд дар мақомоти дигари давлатӣ** таклифи асосноқ ворид намояд.

7. Муқаррар карда шавад, ки ба инҳо ташкил кардан ва татбиқ намудани фаъолият ба сифати созмони ғайритиҷоратӣ ва давлативу ғайритиҷоратӣ иҷозат дода мешавад:

Маркази медиатсия, ки ба иттиҳоди медиаторҳои касбӣ такя мекунад ва бо усулҳои муқобили ҳаллу фасли талошҳо машғул мебошад;

Маркази ҳаллу фасли талошҳо бо усулҳои муқобил, ки ба иттиҳоди медиаторҳои касбӣ, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ такя менамояд.

8. Инҳо вазифаҳои асосии **Маркази медиатсия ва Маркази ҳаллу фасли талошҳо бо усулҳои муқобил** (минбаъд – Марказҳо) муайян карда шаванд:

фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ намудани тартиботи ҳаллу фасли талошҳо бо усулҳои муқобил дар медиатсия, фаъолияти судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ;

ба роҳ мондани истеҳсолот дар поя раванди дахл накардан ба фаъолияте, ки бо баррасии парвандаҳо дар медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ алоқаманд мебошанд;

ташкил кардани курсҳои таълимӣ барои тайёр кардан ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон дар соҳаҳои медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ. Дар ин маврид медиаторҳо дар курсҳои таълимие мехонанд, ки аз 72 соат зиёд намебошад, ба онҳо **сертификати шунаванда**, ки курси мазкурро бо муваффақият хатм кардаанд супурда мешавад;

кӯмакрасонӣ ба рушд ва васеъ паҳн гардидани медиатсия ва усулҳои дигари муқобили ҳаллу фасли талошҳо бо дар соҳаи мазкур ба роҳ мондани машварат, тренинг ва конфронсҳо.

9. Муқаррар карда шавад, ки Марказҳо:

а) ба мақсади ташкил кардани таълими шунавандагон ҳаҳ доранд:

омӯзгорони соҳибихтисоси муассисаҳои таълими олӣ, медиаторҳои ватанӣ ва хориҷӣ, судҳои ҳакамӣ ва ҳакамҳо, ҳамчунин мутахассисони соҳибихтисоси вазорату идораҳоро дар асоси шартнома ҷалб намоянд;

бо марказҳои пешқадами медиатсия ва арбитражи хориҷӣ ҳамкорӣ ва мубодилаи тачрибаро дар соҳаи усулҳои муқобили ҳаллу фасли талошҳо ба роҳ монанд, ҳамчунин барои ҳаллу фасли талошҳо медиатор ва ҳакамҳои хориҷиро ҷалб намоянд;

б) онҳо аз пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти адлия дар бораи фаъолияти медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ озод карда мешаванд;

в) марказҳо бояд на камтар аз панҷ ходим, аз ҷумла роҳбари дорои маълумоти олӣ дошта бошанд.

10. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон (Р. Давлетов, М. Икромов) супурда шавад, ки:

а) дар байни медиаторҳои касбӣ, дар судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ бинобар ҷиҳатҳои мусбии таъсис дода шудани Марказҳо корҳои тарғиботиро баргузор кунанд ва дар самти мазкур мунтазам мониторинг гузаронанд, дар ҳар чоряк ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар корҳое, ки амалӣ мешаванд, маълумот пешниҳод намояд;

б) дар муддати ду моҳ бо назардошти тачрибаи пешқадами хориҷа:

барномаи намунавии курсҳои таълимиро бобати тайёр кардани медиаторҳо кор карда барояд;

якҷо бо Прокуратураи генералӣ ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи мувофиқи мақсад будани ҷорӣ намудани идораи медиатсия ба ҷараёни ҷиноӣ таклиф ворид кунад.

11. Таклифи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ва Маркази такмили ихтисоси ҳуқуқшиносон дар бораи ташкил кардани **Маркази медиатсияи Тошканд** таҳти васояти онҳо маъқул дониста шавад.

12. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон (Р. Давлетов, М. Икромов) супурда шавад, ки якҷо бо Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ва Маркази такмили ихтисоси ҳуқуқшиносон бинобар ба роҳ мондани фаъолияти **Маркази медиатсияи Тошканд**, дар муҳлати то 1 январи соли 2021 – бобати таъмин сохтани Маркази медиатсияи Тошканд бо бинои тайёр ва тачҳизот, бо назардошти тачрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба рушди идораи медиатсия чораҳо андешад.

13. Ба Оҷонсии хидматҳои давлатии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон супурда шавад, ки якҷо бо ҳокимияти шаҳри Тошканд:

аз 1 июли соли 2020, **ҳамчун тачриба**, дар бинои марказҳои хадамоти давлатии шаҳри Тошканд барои аз хидмати медиатор истифода бурдани шаҳрвандон хонаи алоҳида ҷудо кунад;

дар асоси натиҷаҳои мусбати тачриба дар муҳлати то 1 апрели соли 2021 ба Девони Вазирон бобати паҳн кардани тачрибаи мазкур дар биноҳои тамоми марказҳои хадамоти давлатӣ таклиф пешниҳод намояд.

14. Ба Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатии Ҷумҳурии Ўзбекистон супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ мувофиқи тартиби муқарраршуда ба Таснифи мансабҳои асосии ходимон ва касбҳо дохил кардани коркунони медиатроҳои касбиро ба сифати касб таъмин намояд.

15. Ба Шӯрои олии судӣ, Суди Олӣ супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар зарфи ду моҳ бобати бо биноҳо таъмин кардани тамоми судҳои маълумотдиҳӣ дар бораи медиаторҳои касбӣ ва судяҳои судҳои ҳакамӣ, ки ба реестри медиаторҳои касбӣ ва судҳои ҳакамӣ дохил карда шудааанд, чораҳои зарурӣ андешанд.

16. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон (Р. Давлетов, М. Икромов) супурда шавад, ки мунтазам:

якҷо бо Суди олӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Бунёди «Эл-юрт умиди» бобати тайёр кардани мутахассисон дар хориҷа ва мулоқот бо ҳамватанони назди Оҷонсии рушди хидматҳои давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон омӯзиши ходимонеро, ки барои тайёр кардан, бозомӯзонидан ва такмили ихтисоси медиаторҳои касбӣ, судҳои ҳакамиро, мувофиқи тачрибаи пешқадами танзими тосудии талошҳо дар давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монад;

якҷо бо Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон бобати дар расонаҳои ахбори оммавӣ намоиш додан ва ба маълумоти аҳолӣ, субъектҳои соҳибкорӣ расонда додани наворҳои ичтимоӣ, гуфтор ва барномаҳо дар бораи афзалиятҳои идораи медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ бинобар ҳаллу фасли талошҳо чораҳо андешад.

17. Ба Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар муҳлати се моҳ ба Девони Вазирон бобати аз ибтидои соли хониши 2021/2022 дар муассисаҳои дахлдори маълумоти олӣ ҷорӣ кардани мутахассисҳои магистратура оид ба самтҳои муқобили ҳаллу фасли талошҳо барои соҳаҳои медиатсия, судҳои ҳакамӣ ва арбитражҳои байналхалқӣ дар асоси тачрибаи пешқадами хориҷӣ таклиф пешниҳод кунад.

18. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон супурда шавад, ки дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклиф ворид намояд.

19. Назорати ичрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва муовини мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон У. Ш. Тошхўҷаев гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
17 июни соли 2020.

ШОИРОНИ ҚАДИМ ВА ҲУНАРИ НАВОЗАНДАГИЮ САРОЯНДАГӢ

Борбади Марвазӣ (қарнҳои V - VI милодӣ), ки ҳам шоир буд, дар ташаккул ва густариши санъати навозандагию сароядагӣ саҳми босазо гузоштааст. Биноан, ӯро метавон поягузори ҳунари сароядагӣ ва навозандагии форс-тоҷик номид. Шубҳае нест, ки то ин нобиғаи ҳунар сосҳои мусиқӣ ва навозандагону сароядагон будааанд. Аммо дар тавсеаву густариши ҳама гуна ҳунар бузургмардон нақше мондагор доранд. Ин корро дар аҳди Сосониён ҳунёгар — Борбади Марвазӣ анҷом дод. Дар бораи зиндагинома ва хидмати ин абармарди ҳунар олими тоҷик Абдуллоҳи Ориёпур дар таълифоти хеш («Борбади ромишгар», Душанбе, 1989) фармудааст: «Борбади Марвазӣ дар дарбори шоҳаншоҳи Сосониён — Хусрави Парвиз (590 - 628) ба мартабаи «шоҳи ромишгарон» расидааст. Борбадро муаллифи 30 лаҳн, 365 оҳангу тарона, 7 достони «Хусравонӣ», бунёдгузори сабки «Марвисраишних» (марвихонӣ ё маврихонӣ), муассису танзимгари «тақвими мусиқӣ» дар тамаддуни мусиқии мардуми Шарқи Миёнаи Наздик, тадвингари аввалин мактаб ҳисобидааанд. Ихтирооти мусиқии Борбад воқеаан дар шаклгирии бисёр жанру анвои на фақат мусиқии мардуми эронӣ, балки дигар халҳои Шарқ заминаи асосӣ гузошт. Хусусан, 30 лаҳни Борбад аз ихтирооти нодири созию овозӣ маҳсуб ёфта, минбаъд асоси шуъба, гӯша, шохаҳои созию овозии мақомҳо (12 мақом, 12 парда, ҳафт дастгоҳ, «Шашмақом») гардидааанд».

Ин навишта на ба Борбади Марвазӣ, балки ба алоқамандии шоирони саршиноси қадим бо сосҳои мусиқӣ ва ҳунари навозандагию сароядагӣ ихтисос дорад.

Осор ва зиндагиномаи шоирони классики форс-тоҷик аз он далолат медиҳад, ки шеъри мо аз замонҳои хеле қадим бо мусиқӣ ва ҳунари сароядагӣ иртиботи ногусастанӣ доштааст.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шоир буд, аммо абёти аз ӯ бамеросмонда бозгӯйи онанд, ки вай аз ҳунари навозандагиву сароядагӣ вуқуфи комил дошта, сосҳои мусиқиро бо маҳорати тамом менавохтааст. Чанг яке аз сосҳои тордори камоншаклу хамида бошад, Рӯдакӣ дар байтҳои зерин аз ин асбоби мусиқӣ, ки имрӯз низ навохта мешавад, ёд кардааст:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.

***

Барбати Исову фаршҳои фаводӣ,
Чангу мудак, ниру нои чобуки ҷонон.

***

Агарчи чангнавозон латифдаст буванд,
Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз.

Дигар шоирони форс-тоҷик низ дар осорашон ба санъати навозандагию сароядагӣ ишораҳо доранд. Дар абёти болоӣ дидем, ки Рӯдакӣ аз сосҳои мусиқӣ чангро ба забон гирифтааст. Абулқосими Фирдавсӣ дар ин байташ ба чанг номи асбоби дигари мусиқӣ — рубобро илова менамояд:

Ҳама шаб зи овози чангу рубоб,
Сипаҳро наомад дар он дашт хоб.

Бояд ёдрас намоем, ки хонанда аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ доир ба Борбади Марвазӣ ва сосҳои мусиқӣ маълумоти фаровон ба даст меоварад.

Низомии Ганҷавӣ — шефтаи суруди паҳлавӣ (суруди мардуми давраи Ашкониён ва Сосониён) бо ишора ба асбоби мусиқии чанг чунин менигорад:

«Суруди паҳлавӣ» дар нолаи чанг,
Фиганда сӯзи оташ дар дили санг.

«Суруди паҳлавӣ» ишора ба номи оҳангест дар мусиқӣ.

Най як навъ олати мусиқии нафасист, ки бештар аз танаи най (қамиш) сохта мешавад. Дар абёти шоирони қадим аз ин асбоби мусиқӣ бисёр ёд шудааст. Барои исботи гуфта аз Ҷалолуддини Балхии Румӣ як байт овардан кофист:

Гар набудӣ нолаи найро самар,
Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар.

Номи яке аз сосҳои мусиқӣ арғунун ё арғанун бошад, ки Шайх Саъдӣ дар яке аз байтҳояш ба он ишора кардааст:

Дидори дилфурӯзаш дар поям
арғавон рехт,
Гуфтори ҷонфазояш дар гӯшам
арғанун зад.

Дар навохтани танбӯр, рубоб, чанг ва дигар сосҳои тордор мизроб ё нохунак ба кор ояд. Аз нигоҳи шуаро ин олат низ дур намондааст. Дар яке аз байтҳои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ асбоби мазкур чунин корбаст шуда:

Қомати мо чанг шуд андар самоъи
аҳли дард,
Ҷуз ба мизроби ғамат ин чангро
натвон навохт.

Мир Алишери Навоӣ низ байтҳое дорад, ки аз алоқамандии ӯ ба ҳунари навозандагию сароядагӣ дарак медиҳанд. Байте ба тариқи намуна:

Базмда ҳар мутриби дастонсаро,
Чекса таранним ила дилкаш наво...

Мо ин байтро тарҷума накардем, зеро дар сатри аввал танҳо пасванди «да» тоҷикӣ нест, дар сатри дуюм вожаҳои «чекса» ва «била» ғайритоҷикианд, ки дар фаҳмидани маънии он халал намерасонанд.

Сетор мисли дутор олати мусиқиест, ки дар қадаш се тор кашида шудааст. Ҳоқонӣ бо ишора ба ин соз байти зеринро офаридааст:

Ҳоҳи вилодатат арвоҳ хонд сураи сур,
Сетора баст ситора, самоъ кард самоъ.

Камонча номи дигари асбоби мусиқӣ бошад, ки онро ғиҷҷак ё ғижак низ гӯянд. Камонча косаи ба рӯяш пӯсткашидашудаест, ки дар дастааш се-чор тор дорад. Мирзо Абдулқодири Бедил дар яке аз байтҳояш ин олати мусиқиро мавриди истифода қарор додааст:

Сина дорад камонча вақфи харош,
Ки тараб ҳобил аст, бисмил бош.

Шуарои қадим бо ҳунари мусиқӣ ва овозхонӣ он қадар иртибот доштааанд, ки мақомҳои «Дувоздаҳмақом»-у «Шашмақом» низ аз нигоҳи онҳо дур намондааст. Мисол:

Мутриб, биёву замзамае соз кун,
Оҳанг аз «Ирок» ба сӯйи «Ҳиҷоз» кун.
(Савдо).

Бизан парда бо ман ба оҳанги соз,
Гаҳе аз «Сифоҳон», гаҳе аз «Ҳиҷоз».
(Шоҳин).

Дар ин ҷо «Ирок», «Ҳиҷоз» ва «Сифоҳон» номи мақомҳоянд. Ин абёт бозгӯйи онанд, ки аз қадим шеър бо санъати мусиқӣ ва ҳунари овозхонӣ тавъам буда, шоирон мусиқишинос низ будааанд. Ҳар он чӣ ин ҷо овардем қатрае аз баҳр аст. Дар он фикрем, ки аз ҳӯкӣнуси назми оламгир дигарон дуру гуҳари бештар ба даст ҳоҳанд овард.

Санъати классикии «Шашмақом», ки аз «Дувоздаҳмақом»-и Борбади Марвазӣ сарчашма мегирад, имрӯз низ дар байни халҳои тоҷику ӯзбек маҳбубият дорад. Он баъди истиқлолиятро ба даст даровардани ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон чун мероси ғайримоддӣ ба рӯйхати ЮНЕСКО даровардa шуд. Анҷуману ҷашнвораҳое, ки дар кишвари офтобии мо бахшида ба санъати навозандагию сароядагии мақом баргузор мешаванд, бешак, бобати маҳбубият пайдо кардани ин санъат дар байни аҳолӣ, хоссатан ҷавонон, мусоидат менамоянд.

Бале, мо бояд ҳофиз (ҳифзкунанда) ва идомадиҳандаи беҳтарин суннати аҷдод бошем. Ба фикри мо, дар ҳамон сурат байни дирӯзу фардо, ки силсиларо мемонад, ҳалқаи пайванд шуда метавонем.

А. СУБҲОНОВ.

Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ

ҲИКОЯҲО БАРОИ БАЧАГОН

ХИҶОЛАТ

Султони Ҳиндустон ба шикор баромад. Ҳини шикор тахти равони дар болои фил гузошташудаи ӯ дар ботлоқ ғӯтид. Ҳеҷ кас илоҷи баровардан наёфта буд, ки Паҳлавон Маҳмуд байни ду пойи пеши фил даромада, онро дар пушташ бардошта баровард. Султон ба қувваи ғайриоддии Паҳлавон Маҳмуд қоил шуда, гуфт: "Аз ман чӣ мехоҳӣ? Пурс!"

Муаллима ҳикояи худро дар ҳамин ҷо нигоҳ дошта, ба хонандагон рӯ овард:

– Канӣ, Собирҷон, ту мебудӣ, аз султон чӣ мехостӣ?

– Ман? Ман... Мошини наппанав!

– Ту чӣ, Ҳошимҷон?

– Ман... Ман... Дастгоҳи яхмосбарорӣ.

– Соҷида, ту чӣ?

– Ман... Пӯстини пашмин.

Муаллима чун ҷавоби дилхоҳ нагирифт, аз як тараф пурсидан гирифт:

– Ман фил мегуфтам. Фили калон!

– Ман як сумка доллар.

– Ман компутер.

– Ман тӯби футбол.

– Ман велик...

Аз ҷавоби рӯякии хонандагон ҳавсалаи муаллима пир шуд, магар:

– Шумо манфиати худро фикр мекунед, – гуфт бо оҳанги таассуф,– Паҳлавон Маҳмуд Ватанро, халқро фикр мекард. Медонед, ӯ чӣ пурсид? Озодии дусад нафар ҳамватононашро, ки дар зиндони султон занҷирбанд буданд.

Сари хонандагон ҳам хӯрд. Муаллима аз фикр накарда ҷавоб доданашон хиҷолат шудани онҳоро пай бурда, ҳикояро давом дод.

ТАМОШО

Ман бозии писарчаамро тамошо дорам. Вай ҳамагӣ панҷсола аст. Дар китоб автомат-бозича, користоне мекард, ки... Майнаи дар панаҳии баргҳои калон-калони ток пинҳоншуда, ҳарисона ангурхӯрдаистодаро нишон гирифта:

– Дага-дага, дага-дага-дага, – мегуфт ба овози тир таҚлидкунон, – давои ту ҳамин. Дузд! Муфтхӯр!

Саги ба кӯчагузар таҳдид кардаро ба ҳадаф гирифт:

– Кишувх-кишувх! Лаънатии фашист! Ҳоло ҳам зиндай? Мана, ба ту: кишувх-кишувх!

Гурбаи гунҷишкпоро дид:

– Пақ! Лаънатии маккор! Ҳама чизро муш хӯрда рафтаасту ту дар ғами шиками худ!

Хурӯси тарафи хонаи ҳамсоя рафтаистодаро гардонд:

– Сарҳадро вайрон мекунӣ? Хоин! Тирс! Тирс! Дага-дага! Кишувш-кишувш!

– Пақ! Пақ! – ӯ худро бо як чолокӣ даруни кӯра гирифта, гӯсфандонро саросема берун ронд, – зуд бароед! Сӯйи чарогоҳ давед! Зудтар!!!

Нӯги "автомати" худро ба абр рост кард:

– Шувв-шувв!!!

Барқ дамида, раъд ғуррида буд, ки писарчаам аз хурсандӣ фарёд зад:

– Урра! Урра!!! Ба ёрӣ омаданд, – сипас дар пояи сутуни хавоза беҳолона нишаст. Чун захмӣ пояшро бо як эҳтиёткоронаи дарднок дароз карда, молидан гирифт. Аммо чашм аз абри ғуррон наканда, фармон медод:

– Оташ кушоед! Офтобро бояд халос кард! Ман дар ин ҷо... Хеста наметавонам... Тир фиристед. Духтур ҳам... Зудтар!

Ӯро дар ҷойи шишт ғанаб бурд. Ман ӯро ҳамон ба ҳоли худ гузошта, тамошо мекардам. Шояд дар хоб низ меҷангид, ки зери лаб пичиррос мезад:

– Офтобро бояд наҷот дод... Офтобро...

Мушоираи ҳамзабонон

ОБ АГАР САДПОРА ГАРДАД, БОЗ БО ҲАМ ОШНОСТ...

Дар солҳои аввали истиқлолиятро ба даст даровардани ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва мақоми давлатӣ гирифтани забонҳои миллӣ дар матбуоти тоҷик, ба мақсади дақиқтар номгузорӣ кардани шеваҳои як забон — забони форсӣ, як муддат ибораҳои «форсии тоҷикӣ», «форсии дарӣ» ва «форсии эронӣ» мавриди истифода қарор гирифтанд.

Сиёсат гоҳо бунёдсӯз аст, он метавонад аъзои як оиларо пароканда ва қавмеро ҷисмонан ё маънан маҳв созад. Давлати Шӯравӣ ҳарчанд давлати камбағалпарвар буд ва дар чанд даҳсолаи охири он аҳд аҳолӣ серупур умр ба сар бурдааст, аммо забону фарҳангҳои миллӣ аз сиёсаташ то ҷое зарар диданд, хатари аз байн рафтани забонҳои миллӣ ба миён омада буд. Ба ёд оред шеъри устод Эркин Воҳидов — «Забони модарӣ»-ро дар тарҷумаи устод Лоиқ Шераллӣ. Вале ба доду фарёди шоирону нависандагон ва уламо зимомдорон рӯйи эътибор намегардонданд.

Дар он аҳд нафароне дидаву дониста, баъзеҳо надониста мегуфтанд ва қаламдод мекарданд, ки форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ се забонанд. Онҳое, ки дидаву дониста мегуфтанду қаламдод мекарданд, ба фикри мо, мақсадашон ҷудоиандозӣ, фарҳангзудоӣ ва аз гузаштаи пурғанаваташ ҷудо сохтани халқу миллат буд. Ба баҳонаи соддакунӣ ва ба фаҳми халқ наздик кардани забони форсии тоҷикӣ аз баҳри сарширо онқадар баромаданд, ки шири тунуке боқӣ монд. Ва ин шири тунук, бо мурури вақт (кор хӯрдан), сабаби тунукмоягӣ гардид. Дар натиҷа мардум, ҳатто рӯшанфикрон, пеши ҳазму дарки забони осори маънибори пешинагон, ки оламиён аз он қути маънавӣ мегирифтанду мегиранд, оҷиз монданд.

Истиқлолият садду монеаҳои пешинаро аз байн бардошт, ҳоло забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони форсии тоҷикӣ, дар ҳоли пешрафт қарор доранд, чунин ба назар мерасад, ки ба тану бозӯи забонҳои меъёрӣ қудрату тавони пешинаашон бармегардад. Бале, агар фарду ҷомеа озоду соҳибихтиёр бошад, бо такя ба дороиҳои моддию маънавиаш, ба офаридани муҷиза қодир аст...

Мо ба мақсади собит намудан ва таҳким бахшидани бовари мардум ба он, ки форсию тоҷикию дарӣ як забонанд, на се забон, сари чанд вақт аз осори шоиру нависандагони имрӯзи ҳавзаҳои забони форсӣ намунаҳо пешниҳод менамоем. Бояд гуфт, ки ин кор то ҷое дар кадом поя қарор доштани шеъри ҳавзаҳоро низ пеши назар меоварад. Ин бор дар мушоираи ҳамзабонон Аҳмади Шомлу (Эрон), Озарахш (Тоҷикистон), Беранги Кӯҳдоманӣ (Афғонистон) ва Хусрав (Ӯзбекистон) ширкат меҷӯянд. Инак, хонандагони гиромиқадр, қазоват ва баҳрабардорӣ аз шумо.

Бахши адабиёт ва ҳунар.

Аҳмади Шомлу (Эрон)

Уфуқи рӯшан

Рӯзе мо дубора кабӯтарҳоро пайдо хоҳем кард
ва меҳрбонӣ дасти зебоиро хоҳад гирифт.
Рӯзе, ки камтарин суруд бӯса аст
ва ҳар инсон барои ҳар инсон бародар аст.
Рӯзе, ки дигар дарҳои хонаашонро намебанданд
қуфл афсонаест ва қалб барои зиндагӣ бас аст.
Рӯзе, ки маъноии ҳар сухан дӯст доштан аст
то ту ба хотири охирин ҳарф дунболи сухан нагардӣ.
Рӯзе, ки оҳанги ҳар ҳарф зиндагӣ аст
то ман ба хотири охирин шеър ранҷи ҷустуҷӯйи қофия набарам.
Рӯзе, ки ҳар лаб таронаест то камтарин суруд бӯса бошад.
Рӯзе, ки ту биёӣ, барои ҳамеша биёӣ
ва меҳрбонӣ бо зебоӣ яксон шавад.
Рӯзе, ки мо дубора барои кабӯтарҳоямон дона бирезем...
Ва ман он рӯзро интизор мекашам ҳатто рӯзе, ки дигар набошам.

Озарахш (Тоҷикистон)

Аз чашмасор омадаам

Марди мусофирам,
Аз манзиле ба манзиле пайғом мебарам.
Аз чашмасор омадаам, аз зодгоҳи рӯд,
Аз роҳи дуридур, ки оғоз мешавад
аз мазрааи биҳиштии домони модарам,
Аз он маҳалла, ки падарам ҷонамоз ёфт.
Як ҷонамози сабз чу хоби кабӯтарон,
Ҷойи намоз сабзтар аз боғи хотирам.
Дар кӯлбори ман як пора нӯни офтоб,
Бар рағми гушнагист.
Як кӯза оби моҳтоб,
Бар қасди ташнагист.
То зоди роҳ медиҳадам дасти зиндагӣ,
Аз гушнагию ташнагӣ ман ғам намехурам.
Ҳар ҷо, ки рафтаам ба ҳама меҳр бурдаам,
Не шоҳ будаам, не гадо, лек дар мақом
бо бою бо гадои замона баробарам,
Дар ҳалқаи қаландарон марди қаландарам,
Дар ҳалқаи даравгарон марди даравгарам.
Дар чашми шахси беҳунар як шахси беҳунар,
Дар ҳалқаи ҳунарварон гӯё ҳунарварам.
Дар гуфтугӯйи ошиқон як шахси ишқбоз,
Дар гуфтугӯйи шоирон гӯё ки шоирам.
Ҳатто ба чашми тоҷирон монанди тоҷирам,
Ҳарчанд дар саросари бозори ин ҷаҳон
чизе намефурӯшаму чизе намехарам.
Синнам зи чил гузашт, вале дар хаёлу хоб як
аср ё ду аср, ё чил ҳазор сол ман умр дидаам.
Дар шахси ман сулолаи ашкониён гузашт,
сосониён гузашт, сомониён гузашт...
Инак, зи асри бисту як бар асри бисту чанд
бояд, ки чун сулолае имрӯз бигзарам...
Марди мусофирам,
Аз чашмасор омадаам,
Як чашма дар нигоҳаму як чашма дар дилам,
Як чашмаи муҳаббату як чашмаи савоб,
Бо пой дар заминаму бо даст дар само,
Як қатра об меҳурам, як зарра офтоб.

Беранги Кӯҳдоманӣ (Афғонистон)

Он гурзи оташин

Аз пою пӯя мондаму ту медавониям,
Ай чархи киначӯ, ба кучо мекашониям?
Ин сӯ барад ба субҳаму он сӯ кашад ба шаб,
Бар боли бодҳояму барги хазониям.
«Ман гунги хобдидаву олам тамом кар»,
Ҷонам ба лаб расид аз ин безабониям.
Ованаро ватан набувад, ҳонааш мачӯ,
Ғайр аз Худо касе нашиносад нишониям.
Пирӣ худаш шиканҷа кунад бегумон маро.
Бо дарду ранҷу ғусса саромад ҷавониям.
Дар ҳар қадам ба шона кашам бори марги худ,
Бо ин салиби сурх Масеҳои сониям.
Гул нестам, гиёҳаму бисёр ҳарзаам,
Беҳуда мекунӣ, ба Худо, боғбониям.
Он донаам, ки сабз нагардам, на гул диҳам.
Дар шӯразори талхи Худо мефишониям.
Беруни хона ҳеч надонӣ, ки кистам.
Ойӣ агар ба майкада, он дам бидониям.
Ай осмони кинавари беҳаё, бигӯ.
То кай ба хоки ғурбату ғам мекашониям.
Маргу диёри дӯзаху он гурзи оташин
Сад бор беҳтар аст аз ин зиндагониям.

Хусрав (Ӯзбекистон)

Ҳарфи сабзи райҳонӣ

Салом оинаи дилҳост, медонам, ки медонӣ,
Барои дӯст хоҳам бурд ҳарфи сабзи райҳонӣ.

Чӣ ҳоле дорӣ, ай булбул, паёме аз тароват гӯ,
Ки гул машқи нумӯ дорад дар ин дамҳои боронӣ.

Тамоми сарнавишти ҳарф шуд вобастаи маъно,
Тамоми саргузашти барг — вақфи боди найсонӣ.

Касе дар соғари зеҳнам шароби ханда мерезад,
Зи девони нигоҳи ӯ бихонам ишқи инсонӣ.

Маро аз ман тақозо кун, маро баргашта эҳтӣ кун,
Ало, ай чашмаи қисмат, ало, ай хатти пешонӣ.

Баҳорон бо усули нав ба дил ангеза мебахшад,
Ба номи гул шавад эҷод ин ашъори тӯлонӣ.

Сӯҳроб – соҳиби Гран-прӣ

Скрипканавози гурӯҳи чоргонаи скрипканавозони бахши бухорогии Филармонияи давлатии Ӯзбекистон Сӯҳроб Шарофов дар Фестивали онлайни байналхалқии Украина бо муваффақият иштирок намуда, соҳиби Гран-прӣ гардид.

Сӯҳроб соли 1982 дар шаҳри Бухоро ба дунё омад. Дар таълимгоҳи мусиқии рақами 5-ум тарбия гирифт. Ӯ ба ҳунарҳои зебо, хусусан, мусиқӣ дил бохт. Скрипкаю пианинонавозиро аз устодонаш Э. Гулкоров ва Г. Киселёв омӯхт. Ҳангоми таҳсил дар омӯзишгоҳи санъати ба номи М. Ашрафии Бухоро аз устодаш Ҷамшед Ҳамидов ва дигарон асрори ҳунар омӯхт. Чор сол дар Консерваторияи давлатии Тошканд таълим гирифт. Дар озмунҳои ҳунарии зиёд иштирок намуд.

Соли 2014 ӯро ба шуъбаи вилоятии Филармонияи давлатии Ӯзбекистон ба кор таклиф карданд. Вай аз ҳамон вақт ин ҷониб дар шабнишинию ҷамъомадҳо, иду маросимҳои гуногуни сатҳи шаҳрию вилоятӣ иштирок намуда, бо ҳунарнамоиҳои пурҷозибааш меҳмонону мизбонони шаҳрро пайваста шод мегардонад. Тавре ки таъкид шуд, ба қариби дар ҳаёти вай воқеаи фаромӯшнашаванда рух дод. Сӯҳроб бо асари Бежани Муртазавӣ «Тӯфон» дар Фестивали онлайни байналхалқии Украина иштирок карда, соҳиби Гран-прӣ гардид.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.
Дар сурат: Сӯҳроб Шарофов.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олӣ Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олӣ Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-635. Адади нашр 975, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.